ХУЛОСАИ НИҲОИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 19.10.2022, № ____

Барои сазовор донистани Садиров Шарафҷон Аҳтамович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ .

Диссертатсия дар мавзуи «Таърихи Систон»– ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ санаи 22-юми июни соли 2022, суратмаҷлиси №6, шурои диссертатсионии **6D.КОА-024** назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.01. 2022, № 24/шд) ба ҳимоя қабул кардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Садиров Шарафҷон Аҳтамович 17-уми октябри соли 1987 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст.

Соли 2011 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси таърих хатм намудааст.

Аз соли 2011 то ҳол дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ба сифати муаллими калон кор менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардидааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи дунёи қадим, асрҳои миёна ва археологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муллоҷонов Сайфулло Кучакович мебошад.

Муқарризони расмӣ:

– **Аюбов Абдусалом Рауфович** – доктори илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва диншиносии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

–**Абдували Шарифзода** – номзади илмҳои таърих,мудири шуъбаи таърихи илм ва техникаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Муассисаи тақриздиҳанда –Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (ш. Бохтар) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои таърих Наботов Ф.С. ва мудири кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносӣ, доктори илмҳои таърих Алимов Д.Х. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар доктори илмҳои биологӣ Давлатзода С.Х.тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Садиров Шарафҷон Аҳтамович дар мавзуи «Таърихи Сиситон» – ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» бо дарназардошти навгонии илмӣ, мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалиаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Садиров Шарафҷон Аҳтамович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақола чоп намудааст, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ф.Р ва Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои илмии дигар ба нашр расидаанд.

I.Таълифоти муаллиф дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Ф.Р ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Муллоҷонов, С.К., Садиров, Ш. Ҷуғрофияи таърихии Систон дар асрҳои миёна [Матн] / С.К. Муллоҷонов, Ш.А. Садиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №10. – С.117–122. ISSN 2074-1847

[2-М]. Садиров, Ш.А. Таърихи Систон ва ҷойгоҳи он дар таърих, фарҳанг ва адаби тоҷик [Матн] / Ш.А. Садиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2019. – № 5(82). – С. 280–283. ISSN 2219-5408

[3-М]. Садиров, Ш.А. Тарихи Систон как источник по древней истории Систана [Матн] / Ш.А. Садиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2021. – № 6(95). – С.308–311. ISSN 2219-5408

[4-М]. Садиров, Ш.А. Инъикоси баъзе паҳлуҳои фаъолияти сиёсии Яқуб ибни Лайс бар асоси ахбори «Таърихи Систон» [Матн] / Ш.А. Садиров // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. – Душанбе, 2022. – № 1(96) – С. 296–298. ISSN 2219-5408.

2. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[5-М]. Садиров, Ш.А. Систон дар замони Сомониён [Матн] / Ш.А. Садиров // Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик. – Душанбе, 2020. – С. 172-182.

[6-М]. Садиров, Ш.А. Муомилоти пулӣ дар замони Сомониён [Матн] / Ш.А. Садиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021. – №3(7). – С. 173–176.

[7-М]. Садиров, Ш.А. Таърихи Бухоро»-и Абубакри Наршахӣ ҳамчун маъхази таърихӣ [Матн] / Ш.А. Садиров // Паёми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. – 2021, – №4(8). – С. 143–145.

[8-М]. Садиров, Ш.А. Муҳорибаи Дандонакон ва ташаккулёбии давлати Салҷуқиён / Ш.А. Садиров // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба таҷлили 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Рашт, 2021. – С. 28-33.

[9-М]. Садиров, Ш.А. История завоевания арабами Систана по материалам «История Систана» и других исторических источников [Матн] / Ш.А. Садиров // Материалы Международных научно-практических мероприятий Общество науки и Творчество. Апрель 2022 г. Сборник начных трудов «Наука в интерпритации современного образовательного процесса». – Казан, 2022. – С. 135–140.

Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд

1. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Неъматов Д.Н.Тақриз мусбат, эрод надорад.
2. Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Насриддинов Х.Н. Тақриз мусбат, эрод надорад.
3. Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии Академияи идоракунии давлатии назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷобиров Р.Ф. Тақриз мусбат, эрод надорад.

4. Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи тахрихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Ҳакимов Н. Тақриз мусбат, эродҳо чунинанд:

–Муқовиматҳои халқи тоҷикро зидди хилофати Бағдод пурра шарҳ надодааст;

– Дар боби сеюми автореферати рисола "Таърихи Систон" ҳамчун сарчашмаи таърихӣ муаллиф бисиёр масъалаҳои муҳимми иҷтимоиётро мавриди баҳс қарор додааст, ки дар кам андар кам манбаҳои таърихӣ дарҷ мешаванд, вале матн бо ном каме мухолифат мекунад. Иҷтимоиёт масъалаҳои дараҷаи зиндагӣ ва урфу одат ва маънавиётро бояд дарбар гирад, вале оиди шӯришу ошубҳо ва фарҳанг сухан меравад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии унвончӯ:

Масъалаҳои саҳми муҳаққиқони хориҷӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи «Таърихи Сиситон» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» маҳсуб меёбад **коркард карда шуданд;**

Исбот карда мешавад, ки мардуми бумии Систон ба хулосаи донишмандони рус ва дигар муҳаққиқони аврупоӣ «асилтарини ориёитаборҳо» шумурда мешаванд, ки забону шакли замони Ҳахоманишиҳоро нигоҳ доштаанд;

Пешниҳод карда мешавад, ки дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои гуманитарӣ ба омӯзиши фанни манбаъшиносии таърихи халқи тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, ахбори «Таърихи Систон» ва

манбаъҳои дигари таърихӣ ва адабӣ, ки бо забони модарии тоҷикон иншо шудаанд, дар ҷараёни дарсҳо муфассал омӯзонида шавад;

Баррасӣ ва нақди осори зикршуда, ошноии мо бо таърихи халқи тоҷик ва мушовара бо олимони варзидаи ватанӣ ҳамин нуктаро муайян кардааст, ки бо вуҷуди таълиф шудани баъзе мақолаҳо, то кунун дар қолиби як рисола ё асари ҷудогона «Таърихи Систон» мавриди омӯзишу таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Бори аввал аст, ки ин сарчашмаи муҳимми таърихи ниёгон аз ҷониби муаллиф дар чаҳорчӯбаи диссертатсияи номзадӣ **ҷорӣ карда шудааст.**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мазкур аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, натиҷаи омӯзишу баррасиҳои муаллиф дар давоми 5 соли охир мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар ҷараёни таълифи китобҳои илмӣ роҷеъ ба таърихи халқи тоҷик, манбаъшиносӣ ва китобҳои дарсӣ ба таври васеъ истифода бурд.

Инчунин, маводи диссертатсияро метавон барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва маводи иловагӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои гуманитарии донишгоҳҳо истифода кард. Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф барои таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ заминаи илмӣ-назариявӣ фароҳам меоварад.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок методҳои муқоиса ва таҳдил ҷиҳати муайян намудани заминаҳои пайдоиши таърихнигории маҳаллии тоҷикон ва хусусиятҳои асосии таърихнигории маҳаллӣ **истифода шудааст.**

«Таърихи Систон» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, ҷойгоҳи он ҳамчун манбаи муҳимми таърихӣ ва фарҳангӣ **баён гардидааст.**

«Таърихи Систон» ҳамчун сарчашмаи таърихӣ таҳқиқу баррасӣ гардида, сарчашмаҳои аслии «Таърихи Систон» **муайян карда шудааст.**

Сиёсати давлатҳои тоҷикии Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён нисбат ба Систон ва мардуми он **омӯхта шудааст.**

Пешниҳод гардид, ки дар асоси маълумоти «Таърихи Систон» ва дигар манбаъҳои таърихӣ раванди мусулмоншавии аҳолии Систон, ҳамчун қисме аз сарзамини таърихӣ ва маҳалли сукунати аҷдоди тоҷикон дар доираи барнома ва лоиҳаҳои махсус ба роҳ монда шавад

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки диссертатсия бар асоси яке аз сарчашмаҳои муҳимми хаттӣ – «Таърихи Систон», ки дар миёни ховаршиносон машҳур буда, дар Тоҷикистон камтар таҳқиқ шудааст, навишта шудааст. Инчунин, муаллиф сарчашмаҳои дигари хаттиро низ **истифода карда**, бештари адабиёти дар дохил ва хориҷ нашргаштаро аз назар гузаронидааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Нуқтаҳои асосии пажӯҳиш дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла конференсияи ҷумҳуриявии «Суннатҳои Сомониён ва таъсиргузории он дар фарҳангу тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик» (15 апрели соли 2020, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе), конференсияи илмӣ-амалии байналмилалии «Рушди илмҳои башардӯстӣ (гуманитарӣ) дар 30-соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Рашт, 07 сентябри соли 2021) ва конференсияи байналмилалии «Ҷомеа, илм ва истеъдод» (22 апрели соли 2022, Федератсияи Россия, Қазон), дар шакли маъруза ва гузориш пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷлиси 19 октябри соли 2022 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Садиров Шарафҷон Ахтамович бо дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ қабул намуд. Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти

таърихӣ Аз 15 нафар ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 13, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои таърих **Расуллиён Қ.**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми таърих **Акрамова С.Х.**
19.10.2022